*УДК 030*
*ББК 92*

| | |
|---|---|
| ***ҚОМУСҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ ВА ВЕЖАГИҲОИ ОНҲО*** | ***Шокиров Туғрал Сироҷович,*** *д. и. ф, профессори кафедраи забони тоҷикии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)* |
| ***ЭЛЕКТРОННЫЕ ЭНЦИКЛОПЕДИИ И ИХ ОСОБЕННОСТИ*** | ***Шокиров Туграл Сироджович****, д. филол. н., профессор кафедры таджикского языка ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)* |
| ***ELECTRONIC ENCYCLOPEDIAS AND THEIR PECULIARITIES*** | ***Shokirov Tugral Sirodzhovich,*** *Dr. of Philology, Professor of the Tajik language department under TSUPBP (Tajikistan, Khujand)* ***E-MAIL:*** *shokirov1953@mail.ru* |

***Калидвожаҳо:*** *донишномаи электронии озод, донишномаи бархатт (онлайн), Википедия, Krugosvet.ru, Encyclopedia.ru, шабакаи умумиҷаҳонӣ, муштариён*

*Фаъолияти панҷ донишномаи бузурги электронӣ ва донишномаҳои бархатт (онлайн), аз ҷумла Википедия, Krugosvet.ru, Encyclopedia.ru (ҷаҳони қомус) ва ғайра мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Қайд гардидааст, ки дар натиҷаи рушди бесобиқа илму техника дар охирҳои асри XX ва аввали асри XXI донишномаҳои электронӣ ва бархатт (онлайн) дар муддати кӯтоҳ тавонистанд донишномаҳои анъанавии чопӣ ва нашриётиро иваз ва хусусияти умумиҷаҳонӣ пайдо кунанд. Таъкид гардидааст, ки айни замон дар зерсохтори Шабакаи умумиҷаҳонӣ зиёда аз сад донишномаҳои электронӣ фаъолият менамояд, ки дар як вақт ба миллионҳо муштариён хизмат мерасонанд. Зиёдшавии эътимоди аҳолӣ ба иттилои донишномаҳои электронӣ махсус таъкид шудааст: агар соли 2012 тибқи маълумоти Маркази умумиҷаҳонии таҳқиқи афкори омма, ин нишондиҳанда 57%-ро ташкил дода бошад, моҳи декабри соли 2020, ба 69% расид. Википедия – ягона донишномаи электронӣ мебошад, ки маводро бо забони тоҷикӣ нашр менамояд. Зарурати муносибати эҳтиёткорона, мақсаднок ва интиқодии маводи донишномаҳои электронии озод таъкид шудааст.*

***Ключевые слова:*** *свободная электронная энциклопедия, онлайн-энциклопедия, Википедия, Krugosvet.ru, Encyclopedia.ru, Всемирная паутина, подписчики*

*Представлен анализ деятельности пяти крупнейших электронных и онлайн-энциклопедий,в том числе Википедии, Krugosvet.ru, Encyclopedia.ru (Мир энциклопедий) и др. Отмечено, что в результате невиданного развития науки и техники в конце XX-начале XXI веков электронные и онлайн-энциклопедии смогли в короткое время заменить традиционные печатные и издательские энциклопедии и приобрели глобальный характер. Подчеркивается, что в настоящее время в подструктурах Всемирной паутины действует более ста электронных энциклопедий, одновременно обслуживающих миллионы подписчиков. Особо отмечается неуклонное повышение доверия населения к информации из электронных энциклопедий: если в 2012 году, согласно данным Всемирного центра изучения общественного мнения, этот показатель составил 57%, то в декабре 2020 года он достиг 69%. Википедия - единственная электронная энциклопедия, которая печатает материалы на таджикском языке. Особо*

*подчеркивается необходимость осторожного, целевого, критического использования материалов свободных электронных энциклопедий.*

***Key-words:*** *free electronic encyclopedia, online encyclopedia, Wikipedia, Krugosvet.ru, Encyclopedia.ru, World Website, subscribers*

*The article presents an analysis of the activities carried out by five largest electronic and online encyclopedias: 1. Wikipedia; 2. Krugosvet.ru; 3. Encyclopedia.ru (The World of Encyclopedias) inclusive, and some others. It is marked that the result of the unseen evolution of science and technique at the end of the XX-th the beginning of the XXI-th centuries electronic and online encyclopedias for a short time could have replaced traditional printed ones and so they have acquired a global character. It is underscored that at present in substructures of the World Website there function over hundred electronic encyclopedias serving millions of subscribers simultaneously. The author stresses especially the fact that of unswerving raising of population`s trust towards information from electronic encyclopedias: if in 2012, according to the data of the World Center of Public Opinion Studies, this indicator made up 57%, then in December of 2020 it attained 69%. Wikipedia is the only electronic encyclopedia which prints materials in the Tajik language. The necessity of cautious, targeted, critical usage of material of free electronic encyclopedias is emphasized ostentatiously.*

Дар асри XX бо суръати фавқулода рушд гирифтани илму техника, бавежа техникаи мухобиротиву электронӣ, баробари интишори донишномаҳои чопию матбаавӣ унсурҳои донишномаҳои электронӣ низ торафт паҳн гардида, аз нимаи дуюми он бо суръати ниҳоят фавқулодда майдони маҷозии итиллоотро фарогир шуда, ҳоло оламгир гардидааст.

Қомусҳои электронӣ дар як муддати кӯтоҳ аз гунаҳои чопӣ нуфузи бештар пайдо карда, торафт доираи истифодаашонро паҳнотар месозанд. Пурсишҳои иҷтимоӣ муайян кардаанд, ки эътимоди хонандагони мамолики мутараққӣ ба **Википедия** нисбатан зиёд аст. Тибқи маълумоти **Маркази умумиҷаҳонии омӯзиши афкори ҷомеа** ҳанӯз соли 2012 эътимоди мардум ба маводи маълумотномаҳои чопӣ 54%, ба маълумоти донишномаҳои электронӣ 57%-ро ташкил додааст[1, с. 2758; 9]. Моҳи декабри соли 2020 ин нишондод ба 69% расидааст[13].

Дар ҷаҳон бештар аз сад фарҳангнома, ё худ қомус, донишнома, доиратулмаорифи электронии тафсириву тарҷумавии якзабона, ду ва бисёрзабона оид ба ҳамаи улуми мавҷудаи наву куҳан таҳия гардида, бо роҳу усули мухталиф ба хонандаву бинанда ва шунавандаи зиёд манзур дошта шудаасту мешавад, ки аз лиҳози имкони истифода нисбат ба ҳамгунҳои китобиашон чандин маротиба зудтару чандин маротиба мукаммалтар дастрас мегарданд. Ҳамаи онҳо доираи муайяни илму фанни замонро фарогир буда, барои ҳарчи беҳтару бештар ва зудтар хизмат намудан ба хонандаи электронӣ муқаррар гардидаанд. Яке аз асоситарин фарқи онҳо дар доира ва соҳаи фарогирии илму дониш ба назар мерасад. Дуюмин фарқ дар тарзу усули манзури мавод аст. Вобаста ба ин ҷалби хонандаву муштарӣ низ ба дараҷаи мухталиф аст. Ҳар қадар қомус фарогиртару одитар бошад, ҳамон андоза шумораи муштариёнаш низ меафзояд. Муассисоти байналмилалӣ 5 беҳтарину фарогиртарин қомуси интернетии зеринро муқаррар карданд: **1. Википедия, 2. Krugosvet.ru, 3. Encyclopedia.ru (Мир энциклопедий, ҷаҳони қомус), 5. Megabook.ru — Мегаэнциклопедия Кирилла и Мефодия.** Ин ҳама қомусҳо дузабона ва бисёрзабонаанд. Мо мақсад гузоштем, ки дар ин мақола вежагиҳои фарҳангнигории онҳоро мухтасаран баррасӣ намоем.

Дар ибтидо Донишномаҳои озод бо номи англисии **free encyc*lopedia*** **ва** ***free content encyclopedia*** интишор гаштанд, ки ба тоҷикӣ чун **донишномаи озод** тарҷума кардаанд. Воқеан ҳам он фарогири муҳтавои озод буда, соли 1983 аз тарафи барномарези амрикоӣ Ричард Столлман таҳти унвони **ОС GNU** (низоми амалиётии гунаи озоди Уникс) барномарезӣ гардида, дар доираи як иҷозатномаи озод чун моликияти ҷамъиятӣ ба ҳайси донишномаи иттилоотӣ интишор ёфта буд. **ОС GNU** ихтисора ё худ аббревиатураи англисӣ буда, оид ба пайдоиш ва маънокушоии он ду ақида мавҷуд аст. Гурӯҳе бар онанд, ки он шакли ихтисораи **“GNU's Not Unix!”** (**“GNU — Unix нест”**) мебошад. Баъзеҳо чунин фаҳмидаанд, ки **GNU** аз номи ҳайвони ҳамном гирифта шудааст. Ба таркиби ном маҳаквожаи Linux замима низ гардидааст, ки ба исми гурӯҳи ташаббускорон таҳти роҳбарии Линус Торвалдс рабт дорад. Ширкати мазкур дар як муддати кӯтоҳ хеле машҳур ва фарогир мешавад, вале ихтироъкори он Ричард Столлман аз фаъолияти ҳамкоронаш қонеъ нагардида, соли 1999 ин барномаро такмил бахшида, донишномаи онлайни GNUPedia(**GNU General Public License (GNU GPL)**-ро пешниҳод намуд[2, с. 237; 7; 10], ки он тайи 10 сол маводи зиёдеро манзур дошт.

Бояд қайд кард, ки ин ва чунин донишномаҳои “озод” танҳо дар ибтидо озод буданд ва кайҳост, ки ҳар кадоми онҳо зери назорати муассисоти махсусу ҳосусии мамолики абарқудрат буда, асосан ба манфиати онон кор мекунанд.

9- марти соли 2000-ум бо маблағгузории муассис ва сармуҳаррири лоиҳа Ларри Сенгер ва директори иҷроияи ширкати Бомис Ҷими Вэйлс донишномаи нав таъсис ёфта, **Nupedia** ном гирифт ва то 26-уми сентябри 2003 амал кардааст. **Nupedia** қомуси электроние будааст, ки коршиносони муассиса мақолаҳояшонро навишта, озод, бидуни тасҳеҳи корманди дигар дар Интернет паҳн месохтанд.

Он бо забони англисӣ ба фаъолият оғоз намуда, баъдтар маводашро бо забонҳои олмонӣ, испанӣ, фаронсавӣ ва италиявӣ пахш мекард. Аз лиҳози усули пешниҳод гардонидани мавод шомили **вики-вебгох** набудааст. Мақсади манзур доштани мақолаҳои озод ҳарчи бештар пайдо кардани имкони муқоисаи сифати маводи донишномаҳои ҳирфаӣ будааст.

**Нупедия** донишномаи ройгон ва бархатте(онлайн) буд, ки бо он муаллифону олимон ба таври ихтиёрӣ ҳамкорӣ мекарданд. Он ҳамагӣ пас аз се сол аз фаъолият бозмонд.

Дар моҳи июни соли 2008 CNET Networks **Нупедия**ро яке аз бузургтарин сомонаҳои аз фаъолият бозмонда ҳисобидааст[12].

Бар ивази **Нупедия** фаъолияти **Википедия** ба роҳ монда шуд, ки он дар ибтидо ба унвони нусхаи такмилёфтаи **Нупедия** (то соли 2003) ба кор оғоз намуда буд.

**Википедия** (англ. *Wikipedia*, тал. [wɪkɨˈpiːdiə]) - тибқи маълумоти манзурнамудаи муассисонаш донишномаи интернетии бисёрзабонаи озодест, ки бо ҳамкории афроди довталаб навишта мешавад ва ҳар касе, ки ба интернет дастрасӣ дошта бошад, метавонад, мақолоти дилхоҳашро вироиш кунад.

Унвони **Википедия** аз вожаҳои **вики** (вебгоҳи ширкатӣ) ва энсиклопедия (донишнома) гирифта шудааст. **Wiki** дар забони ҳавай маънои **зуд, тез, босуръат**ро дорост. **Pedia** аз забони лотинӣ гирифта шуда, **омӯзиш, азхуд кардан, ёд гирифтан, гуфтан** аст. Яъне, маънои луғавии **Википедия** зудомӯзӣ, тез ёд гирифтан, зуд дастрас кардан будааст. Ҳадафи таъсиси он офариниш ва интишори ҷаҳонии донишномаи озод ба тамоми забонҳои зиндаи дунё мебошад. Ҳамчунин ширкатҳои зерин низ қомусҳои электронии онлайнӣ маҳсуб меёбанд: **Қомуси шабакавӣ,** MusicBrainz, **Китобхонаи**

**маҷозии яҳудӣ, РациоВики, Варзишвики), Қомуси фалсафии Стэнфорд, Худун(сайт)** (чинӣ- 互动百科), **Эврипедия, Қомуси Байду), Қомуси ҳаёт, Қомуси Амрикои русӣ, Қомуси универсалӣ),** Энсиклопедия центров треугольника**(Қомуси маркази секунҷа),** Эстоника[6].

Қомусҳои интернетӣ аз чопӣ бартарияти зиёд доранд ва бинобар он дар муддати ниҳоят кӯтоҳ онҳо дар истифода бо осонӣ интишор ёфтанд. Дар назари аввал, акнун лозим нест, ки барои ба даст овардани як маълумоти ночиз китобҳои ғафсу калон ва ноёбу нодиррро ҷуста, онҳоро бо қаламу коғаз рӯйбардор кунем. Ҳатто кифоя аст, ки танҳо номи маводи даркорӣ, ё калидвожаҳои он дар компютер сабт карда шавад, дигар ҳама, кори техника аст. Масалан, бо мақсади осон кардани истифодаи қомус ҳамин 5 бузургтарин интернетқомусро таҷамуъ сохтаанд. Вале дар асл ҳеҷ вақт яке ҷои дигареро наметавонад бигирад.

Бояд қайд кард, ки ба ин қомуси электронии панҷгона бузургтарину сермуштаритарини онҳо, ки қомуси интернетии мамлакати Чин буда, **Hudong.com** ном дорад, ворид намешавад, зеро танҳо барои худи чиниён хизмат мекунад. Яъне он аз лиҳози фарогирии мавод ва шумораи муштариён бузургтарин бошад ҳам, танҳо дар доираи як забони як давлат мустаъмал аст, аз ин ҷост, ки аҳамяти умумибашарӣ надорад.

1. Дар ҷои аввал қомуси интернетии озоди **Википедия** устуворона қарор дорад. Қомуси мазкур аз он ҷиҳат озод номида шудааст, ки ҳар як муштарӣ дар вақту замон ва макони барояш мувофиқ ихтиёран ва бидуни мамониату назорате метавонад вориди дилхоҳ мақолаву мавод гашта, ба он дигаргуниву тағйироте дароварад, яъне вироиши мавод барои ҳама дастрасу номаҳдуд аст. Албатта, ин ду ҷиҳат дорад. Аз ҷиҳати аввал бисёр хуб аст, ки ҳар кас ҳамеша вориди сайту маводи он шуда, баҳрабадор гашта метавонад. Вале аз лиҳози дигар на ҳама муштарии огоҳу ҷиддӣ ҳасту иловаи дурусту қобили қабул ворид карда метавонад, ки ин бар зарари фаъолияти ширкат, қомус, илму маърифат ва кор аст. Бинобар он, худи қомус ҳам қарор додааст, ки маълумоти он зуд-зуд ивазу мукаммал карда шавад ва барои ин имконияти заруриро таъмин кардааст. Дар натиҷа шумора ва ҳаҷми мақолаҳои он доимо дар афзоиш аст. Масалан, донишномаи мазкур вақти таъсис танҳо ба забони англисӣ амал мекарда бошад, пас аз чаҳор моҳ маводашро ба забони немисӣ низ тарҷума карданд, баъди ду сол ба забони русӣ интишорот ба вуҷуд омад. Ҳоло маводашро бо зиёда аз 200 забони олам мунташир месозад. То 04.04.2021 ба забони англисӣ 6, 281, 368 мақола, ба русӣ 1 712 563 мақола, ба тоҷикӣ 102, 808 мақола дарҷ кардааст[13].

Расонаҳои байналмилалӣ асоситарин норасоии **Википедия**ро дар субъективизми маълумотҳояш мебинанд. Бояд қайд кард, ки танҳо ҳамин ширкат мақолаи зиёдеро бо имкони такмилу тағйир ҷой медиҳад. Бахши тоҷикии **Википедия** низ озод ва ройгон буда, таҳрирпазир аст. Бахши тоҷикӣ 27 январи соли 2004-ум таъсис ёфтааст. То моҳи декабри соли 2006-ум бахши тоҷикии **Википедия** 3500 мақолаву 200 муаллиф ва 2 маъмур дошт. Ин нишондиҳанда моҳи апрели соли 2021-ум қариб 30 маротиба афзуда бошад ҳам, нисбат ба дигар забонҳо хеле кам аст. Бештар аз ҳам қисмати ҷуғрофия ва забонҳо пурра шуда истодааст. Масалан, маълумот роҷеъ ба ҷуғрофияи Тоҷикистон, Афғонистон, Эрон ва шаҳру навоҳии онон мукаммалтар манзур шудаанд, вале дигар соҳаҳо хеле беҳбудӣ мехоҳад. Масъулони **Википедия** бар онанд, ки «системаи категорияи мақолаҳо бо забони тоҷикӣ хеле заиф аст, мақолаҳои нопурраву носаҳеҳ ва тезисӣ зиёд, истифодабарандагони фаъолу доимӣ ва ташаббускор кам, низоми

чаҳорчӯбавии мақолаҳо коркард нашуда, лоиҳаҳо хеле суст амалӣ мегарданд, муаллифоне, ки барои Тоҷикистон ва дигарон оид ба маданияту фарҳанг мақола таҳия менамоянд, нокифояанд»[6; 13]. Албатта, чунин ҳолатро ҳарчи зудтар ислоҳ бояд кард, вале алҳол таҳлили муқоисавии 2 соли охир собит менамояд, ки **Википедия**и тоҷикӣ аз **Википедия**и белорусӣ ва яҳудӣ, ки тақрибан шумораи аҳолии баробар доранд, мутаносибан 41 ва 70 маротиба кам аст[6].

**Википедия** ягона донишномаи электрониест, ки маводаш низ ба забони тоҷикӣ омодаву таҳия мегардад.

2. **Krugosvet.ru** (**Сайри олам**)— қомуси универсалии илмиву оммавии русизабонест, ки соли 2000 таъсис ёфтааст. Ҳоло дар хазинаи ин қомуси электронӣ зиёда аз 200 ҳазор мақола оид ба фарҳанг, санъат, ҷуғрофия, илму техника, адабиёт, таърих ва ғ. маҳфуз аст. Мақолаҳо аз дирӯзу имрӯзи соҳаҳои фарогир маълумот медиҳанд. Сабку услуби нигориши мақолаҳо хеле ҷолиб, асосан бо услуби илмӣ-оммавӣ бо харитаву тасвир ва суратҳо таълиф шудаанд. Муаллифонашон аз ҷумлаи олимони барӯманди соҳа мебошанд. Тибқи маълумоти соли 2010 **Krugosvet.ru** (**Сайри олам**) дорои 12 700 мақола буд, ки 710-тои он тарҷумаиҳолӣ, 12 100-тояш тасвирӣ, 600- тояш харитаҳои сиёсӣ, таърихӣ, иқтисодӣ буданд ва чандин асноди таърихию сиёсӣ низ доштанд. **«Сайри олам»** дар заминаи **«Қомуси Колйер»** таъсис ёфтааст, ки он худ якҷоя бо **«Қомуси Амрико»** ва **«Қомуси Британико»** яке аз се қомуси пешбари англисизабони универсалӣ маҳсуб ёфта, дар ИМА солҳои 1952-1998 нашр мешуд[8]. Он дар сайти http: //www. krugosvet.ru.**[11]** ройгон дастрас аст.

Сохтор ва мундариҷаи қомуси **Krugosvet.ru** (**Сайри олам**) аз бахшҳои **маълумоти умумӣ доир ба таърихи қомус, ҳуқуқи муаллифон, редаксия, шӯрои таҳририя, муаллифон, молия, бунёди қомус, тавзеҳот, ҳаволаҳо, феҳрасти адабиёт** иборат аст[4].

**3. Encyclopedia.ru – Мир энциклопедии (Олами қомус)**. Захираи электрониест, ки на худи мақолаҳоро фарогир аст, балки истинодҳоро бо мухталифтарин сомонаҳои универсалию махсусонидашуда ва қомусҳо дар бар мегирад. Қабл аз он ки ҳаволаҳо интиқол дода шаванд, **«Олами қомус»** чӣ тавр кор кардани системаи ҷустории сомона дар сомонаи мазкур, мавҷудияту микдори мақолаву тасвираҳоро дар саҳифаҳояш нишон медиҳад. Дар саҳифаи даркорӣ истинодҳоро оид ба нашрияҳои маълумотдиҳандаи умумӣ, захираҳои рӯҳшиносӣ, фалсафа, риёзӣ, санъат ва соҳаҳои дилхоҳи дигар пайдо кардан мумкин аст. Он аз **Муқаддима**(*Истилоҳоти қомусӣ, таърихи қомус, қомуси муосир*), **Каталоги қомус** (*каталоги умумии қомус, каталоги мегақомуси онлайн, каталоги қомуси онлайн, каталоги қомусҳои электронӣ, серияи силсилаи нашрияҳои қомусӣ, Қомуси бузурги Россия, Қомуси нави Россия, Қомуси насронӣ*), **Ахбор** (*ахбори қомусҳо, навгониҳои сомона*), **Тадбирот** (*форумҳо- ҷустуҷӯи тадбирот, андешаҳо оид ба қомусҳо, тавзеҳоти ахбор, фурӯши қомусҳо, пайдоиш ва маънои ному насаб, ҷустуҷӯи маълумот, андешаҳо, саволҳо оид ба сомонаҳо*), **Дар бораи лоиҳа** ва ғ. таркиб ёфтааст. **Олами қомус** дар бораи мавзӯъҳо маълумоти бевосита надода, хонандаро ба сарчашмаҳое ҳавола менамояд, ки дар онҳо оид ба ин мавзӯъ маълумот ҷой дода шудаанд.

**4. «Academic.ru»** (**«Академик»**) — хизматрасонии интернетиест баҳри ҷустори маълумот дар заминаи фарҳангномаҳо, қомусҳо, мағозаҳои китобу филмрӯшӣ ва ғ. Маводи он бидуни риояи ҳуқуқи муаллиф ҷой дода мешавад.

Қомуси **Академик** 18 декабри соли 2020-ум аз ҷониби кормандони ширкати **«Маркази телекоммуникатсия»** Игорь Кузмин, Марк Адаменко, Иван Кузмин, Кирилл

Журавлёв ва Роман Кокотушкин таъсис дода шудааст. Барои хонандагон бо суроғаи **dic.academic.ru**. дастрас аст. Домени **dic.academic.ru**. дар ибтидо чун саҳифаи ширкат, баъдтар чун баргардонанда (сервер)-и техникӣ истифода мешуд. Аз соли 2006-ум пурра барои ифодаи **«Луғатҳо ва қомусҳо дар Академия»** химат мекунад[3].

**Академик** маҷмуи азими қомуси гуногунмавзӯъ буда, асосан барои русзабонҳо таҳия шуда, аз маводи **Қомуси Бузурги Шӯравӣ** то хурдтарин фарҳанги мавзӯиро дар бар мегирад. Захирааш имкон медиҳад, ки замимаҳояш бо **Android** ва **iOS** низ истифода гарданд. Соли дуюм аст, ки бо забони тоҷикӣ мавод таҳия менамояд. Ширкат ҷанбаи тиҷоратиашро тавассути рекламаҳо пурра менамояд.

**Академик** дар сомона чун нишондиҳандаи қомус ва танҳо барои барномаҳои ҳамкорӣ номнавис шуда, маводашро бо 5 забони интерфейс интишор дода, такмил мебахшад. Фарҳангномаҳои тафсирӣ ва тарҷумавиро бо ду ё бисёр забонҳо манзур медорад.

Сохтори **Академик** аз бахшҳои **Таърихи таъсиси ширкат, Фаслҳои сайт, Далелҳо, Тавзеҳот, Истинодҳо, Адабиёт** иборат аст. Фаъолияти он ба се шуъба - **тафсир, тарҷума ва китобҳо** ҷудо шудааст.

Шуъбаи **тафсир** мақола ва маводи марбутаи онро дар фарҳангномаҳову қомусҳо меҷӯяд. Саҳифаи асосӣ мубрамтрин масоили мақоларо дар бар гирифта, онро асосан тавассути истинодҳо такмил медиҳад. Сарчашмаҳои истифодашудаи мақолаҳо (пайнавиштҳо) бидуни зикри ному насаби муаллифу нашриёт сабт мегарданд.

Ҷустори луғатҳои ду ё бисёрзабона ва маводи тарҷумавии онҳо ҳамчунин тавассути истинод дастрас карда мешавад. Дар шуъбаи китобҳо фишурдаи онҳо ё нусхабародориҳо аз мағозаҳои интернетӣ ҷой дода шудааст. Агар сарчашма нусхаи фурӯшӣ дошта бошад, ишораи «харидан» сабт гардида, хонандаро бо фишурдаи нусхаи асл ошно месозад.

Сомонаҳояш алифбоиву соҳавӣ ва мавзӯианд. Бо истифода аз рубрикаҳои ёвар ба мисли **Категориҳо, Навигатсия (Навгонӣ), Ҷӯстуҷӯ, Иштирок, Чоп/Содирот, Дар дигар лоиҳаҳо, Истинод, Илова кардан** маводу захираҳояшро пайваста такмил медиҳад. Масалан, мақолае, ки ба худи **Академик** оид аст, тавассути истинодҳои зерин пурра карда мешавад ва касе маълумоти бештаре хоҳад метавонад аз он истифода барад ва он ба тарзи зайл оварда мешавад:

- Сайт «Словари и энциклопедии на „Академике“». // academic.ru
- Приложение «Академик» для Android. // coandroid.ru
- Сайт словарей и энциклопедий «Академик». // vellisa.ru
- Академик.ru — избранная страница для настоящего интеллигента. // ferra.ru
- Словарь терминов или API по-русски. Архивная копия статьи с сайта «yesakov.com» от 13 мая 2010 года. // web.archive.org
- Duplicate Content? Na und, siehe Academic.ru vs. Wikipedia. // tagseoblog.de[3]. Маълумоти дигар низ ба ҳамин минвол ворид карда мешавад.

**5. Megabook.ru — Мега**энциклопедия Кирилл и Мефодий, қомуси онлайниест, ки фарогири 150 ҳазор мақола ва 60 ҳазор медиаобъект мебошад. Хусусияташ дар он зоҳир мегардад, ки захираи универсалӣ дошта, асосан барои мактабиён ва донишҷӯён тахассус гирифтааст. Он доир ба илму фанни замонавию таърихӣ, махсусан, таърих, биология, ҷуғрофиё, риёзӣ, физика, техника ва соҳаҳои дигари улуму фунуни таълимии макотиби миёна ва олӣ мақолаву маводи ҷолиб манзур медорад, ки аксаран тасвираву нақша,

расму сурат, видеонаворҳо дошта, барои ҳарчи саҳеҳтар аз худ кардани мавод кӯмак мерасонанд ва ин яке аз фарқияти он аз қомуси чопист.

**zarowadk.ru,** қомуси хазинавӣ бо забони тоҷикӣ буда, 06.11.2013 таъсис ёфтааст. Дар бораи таърих, забон, адабиёт, мероси хаттӣ, майишат, мардум, афроди алоҳида маълумот медиҳад ва онҳоро ройгон фарокаш кардан мумкин аст. Аз бахшҳои **Оғоз, Мерос, Сарнавишт, Downloand, Web, Sat-TV, Хондан, Зерсомона, Мо** иборат аст, вале бештар ба китобхонаи электронӣ шабоҳат дорад.

Ҳамин тавр, қомусҳои мазкур ва бисёр қомусу луғатҳои дигари электроние мавҷуданд, ки имкони донишандузӣ ва маърифатфизоии ҷавонон ва умуман хонандагону муштариёнро хеле осону фарогир карда, фаъолияташон имкон медиҳад, то шахс бо сарфаи вақту меҳнат ва нерӯи ҷисмониву ақлонӣ ба навтарин дастовардҳои илму техника ва соҳаҳои мухталифи ҳаёту ҷомеа ноил гардад. Танҳо аз онҳо огоҳона, эҳтиёткорона, мақсаднок, бамаврид, самаранок манфиат бардоштан лозим аст, то дурри мақсуд ба даст ояд.

***Пайнавишт:***


1. *Демченков С. А., Федяева Н.Д. Википедия как инструмент лекскографических исследований(на материале русскоязычного корпуса статей).-// Фундаментальные исследования. – 2014. – № 11 (часть 12). – С. 2759-2763.*
2. *Мильчин А. Э., Чельцова Л. К.// Справочник издателя и автора. Редакционно-издательское оформление издания. — 2-е изд., испр. и доп. — М.: ОЛМА-Пресс, 2003. — 800 с.*
3. *Academic.ru в Архиве Интернета. // web.archive.org-Академик (санаи муроҷиат 26.03.2021)*
4. *Добровольский А.В. Энциклопедия «Кругосвет» и возможности её использования/ Архивная копия от 24 сентября 2015 на Wayback Machine .- С. 312. (санаи муроҷиат 26.03.2021)*
5. *Ferraro, Nicole. Wikipedia Co-Founder Speaks Out Against Jimmy Wales, Internet Evolution (October 9, 2009).(санаи муроҷиат 27.03. 2021).*
6. *https://basetop.ru/top-5-krupneyshih-internet-entsiklopediy-runeta/(санаи муроҷиат 26.03.2021).*
7. *http://web.archive.org/web/20010608114135/ru.wikipedia.com/wiki. (санаи муроҷиат 26.03.2021)*
8. *http://www.mediahouse.ru. (санаи муроҷиат 30.03.2021)*
9. *URL: http:// fundamental -research. ru/ (дата обращения: 27.03.2021)*
10. *jwales.Re:GNUPedia= Nupedia?. GNUPedia Project Starting. Slashdot (January 17, 2001)-// https://slashdot. org/comments.pl (санаи муроҷиат 31.03.2021).*
11. *Кругосвет 2010.-//http://www.mediahouse.ru. (санаи муроҷиат 26.-03. 2021).*
12. *Linux Reviews > News and headlines > 2004 News archive > July > (санаи муроҷиат 27.03.2021).*
13. *ru. Wikipedia/org(санаи муроҷиат 28.03.2021).*


***Referense Literature:***


1. *Demchenkov S. A., Fedyaeva N.D. Wikipedia as a Tool for Lexographic Research (based on the material of the Russian-language corpus of article). - // Fundamental Researches. – 2014, - No. 11 (part 12) - pp. 2759-2763.*

2. *Milchin A.E., Cheltsova L.K.- // Directory of the Publisher and the Author. Editorial-Publishing Design of the Publication. The 2-nd edition, revised and enlarged. - M.: OLMA-Press, 2003. - 800 pp.*
3. *Academic.ru in the Internet Archive. // web.archive.org-Academician (Date of request 26.03.2021)*
4. *Dobrovolsky A.V. Encyclopedia "Krugosvet" and Potentialities of its Use Archive Copy from September 24, 2015 at Wayback Machine .- P. 312. (Date of request: 03.26.2021)*
5. *Ferraro, Nicole. Wikipedia Co-Founder Speaks Out Against Jimmy Wales, Internet Evolution (October 9, 2009). (Date of request: 27.03.2021).*
6. *https: //basetop.ru/top-5-krupneyshih-internet-entsiklopediy-runeta/( Date of request: 03.26.2021).*
7. *http:/web.archive.org/web/20010608114135/ru.wikipedia.com/wiki. (Date of request: 03.26.2021)*
8. *http: //www.mediahouse.ru. (Date of request: 03.30.2021)*
9. *URL: http: // fundamental research. ru (Date of request: 03.27.2021)*
10. *jwales.Re:GNUPedia= Nupedia ?. GNUPedia Project Starting. Slashdot (January 17, 2001) - // https: // slashdot. org / comments.pl (Date of request: 03.31.2021).*
11. *Around the World -2010 .- // http: //www.mediahouse.ru. (Date of request: 26.03.2021).*
12. *> Linux Reviews> News and headlines> 2004 News archive> July> (Date of request: 27.03.2021).*
13. *ru. Wikipedia / org (Date of request: 03.28.2021).*